ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020102-таърихи фалсафа пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар он аст, ки таърихи афкори башар, бахусус, дар сарзаминҳои Шарқ, аз гузаштаи хеле дур бо чеҳраҳое тавъам буд, ки дар замони худ, бо вуҷуди мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, тавонистанд шуълаи тафаккури созанда ва маънавияти бедорро фурӯзон нигоҳ доранд. Яке аз чунин чеҳраҳои барҷаста ва таъсиргузор – Салоҳуддини Салҷуқӣ (1896–1970) дар арсаи андешаи фалсафии исломии муосир, на танҳо ҳамчун мутафаккиру файласуф, балки ҳамчун шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ, ислоҳгар, рӯзноманигор ва дипломати фарҳангӣ зуҳур кард. Фаъолияти бисёрсоҳа ва осори ӯ имрӯз низ қобили омӯзиши амиқ ва таъаммул буда, муҳиммияти хоса барои равшангарӣ ва худшиносии фикрии ҷомеаҳои исломии муосир дорад. Салҷуқӣ дар баробари андешаҳои ирфонӣ ва ахлоқӣ, аз масоили миллию сиёсӣ низ канор намерафт. Вай маорифро абзори мубориза бо ҷаҳолат, мазҳабгароии ифротӣ ва таассуб медонист ва таҳкими шуури миллӣ ва бедории маънавиро воситаи раҳоии инсону ҷомеа аз нобаробариҳо мешумурд.

Диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки таълимоти фалсафии Салҷуқиро бо таҳқиқи маҷмуавӣ фаро гирифта, ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва антропологии онро баррасӣ намояд ва аҳамияти илмию амалии консепсияи фалсафии мутафаккирро ҳамчун як манбаи муфиди илмию назариявии таълиму тарбияи шоистаи ҷавонону наврасон нишон диҳад, ки воситаи бузурги фарҳангии муқовимат бо мафкураи ифротгарой мебошанд.

Каримова Сумая соли 2021 ба ихтисоси 6D020102-таърихи фалсафа ба шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ (ҳоло ИФС) ба номи А.Баҳоваддинови АМИТдохил шуда, онро соли 2024 хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси омӯзгори фанҳои ҷамъиятӣ дар Донишкади исломии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ ба табъ расонида аст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиадиҳанда нашр гардидаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионии Каримова Сумая аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **«Зиндагӣ ва андешаҳои динию фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ»** диссертант қайд мекунад, ки Салоҳуддини Салҷуқӣ яке аз чеҳраҳои барҷастаи илму фарҳанги Афғонистон дар нимаи аввали садаи XX маҳсуб меёбад. Нақши ӯ дар тарғиб ва рушди илму маърифат, рӯзноманигорӣ, театр ва ҳаракатҳои ислоҳталабона, ӯро ба симои фарҳанги фарогир табдил додааст. Ӯ соли 1896 (1274/1275 ҳичрии шамсӣ) дар шаҳри Ҳирот – яке аз марказҳои таърихии тамаддуни Хуросон – дар як хонадони аҳли илму маърифат чашм ба олам кушод. Мероси илмии Салоҳуддини Салҷуқӣ ба таври шоиста густурда ва пуразриш аст. Ӯ муаллифи 34 китоб ва зиёда аз 200 мақола мебошад, ки мавзуъҳои гуногун, аз фалсафаи юнонӣ то ахлоқи исломӣ, аз забоншиносӣ то фанноварихои табиатшиносӣ ва таърихи андеша, дар онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз ҷумлаи муҳимтарин осори ӯ метавон «Афкори шоир» (таҳлили фалсафӣ-эстетикӣ аз андешаҳои шоирон ва таъсири онҳо дар фарҳанг), «Ахлоқи Арасту» (шарҳи муфассал ва муқоисавӣ аз этикаи Арасту бо ахлоқи исломӣ), «Нақди Байдо» (баҳсе дар

мавриди равиши тафаккур ва мантиқ), «Ат-Таҳзиб» ва «Ал-Аъдво» (ду китоби муҳим дар соҳаи забоншиносӣ ва андешаи илмӣ), «Рисола дар маъно ва исбот» (асаре дар фалсафаи забон ва мантиқ, ки бар асоси усули фалсафаи нав баррасӣ шудааст), «Тақвими инсон» (асаре дар мавриди шинохти инсон дар фалсафа ва илм), «Нигоҳе ба зебоӣ» (китоб дар мавзуи зебоишинохтӣ аз нигоҳи фалсафа баҳс мекунад) зикр кард..

Дар боби дуюм **«Андешаи Салоҳуддини Салҷуқӣ дар масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ»** диссертант овардааст, ки муҳимтарин масъалаи ҳастишиносии ирфонӣ ваҳдати вуҷуд мебошад, ки маънои ягонагии ҳастӣ ва ё ягонагии ҳақиқати ҳастиро ифода мекунад. Маърифат бошад ҷузъи асосии ирфон аст, ки бо тавассути таҷрибаҳои маънавӣ ва ҳақиқатҳои ботинӣ дарк карда мешавад, на танҳо тавассути ақл ё илмҳои мустақим. Дар доираи ирфон, ҳақиқат ҳамчун воқеияти аслии ҳастӣ ва сир ҳамчун маънии пинҳоншуда ва ботинии ҳастӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути тафаккури амиқ ва тарбияҳои маънавӣ ба он даст ёфтан мумкин аст. Салҷуқӣ тамоми масоили ҳастишиносиро бо ахлоқ ва зебоишиносӣ пайваст мекунад. Ба ақидаи ӯ, дарк кардани ҳастӣ танҳо бо ақл кофӣ нест, чаро? Барои оне ки инсон онро бояд бо дил, шуур ва маънавиёт ҳам пайваст кунад. Салҷуқӣ ҳастӣ ва воқеиятро дар пайванди зич бо маънавият, ахлоқ ва ҳастии инсон баррасӣ мекунад. Барои ӯ омӯзиши ҳастӣ танҳо фаҳмиши сохтори олам нест, балки кушодани мақсади вуҷуд ва ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ мебошад.

Салҷуқӣ бо ҷудо кардани ҳасти ба ду сатҳи моддӣ ва маънавӣ, ҷаҳонро ҳамчун маҷмӯи воқеиятҳо мефаҳмонад. Вай бо баён доштани ин, ки "ҳастӣ танҳо он чизе нест, ки дида мешавад", ба мо мефаҳмонад, ки ҳақиқати ҳастӣ дар паси маъно, таъсир ва фаъолиятҳои рӯҳонӣ ва ақлонӣ низ ҷой дорад. Аз ин рӯ, баррасии ҳастишиносӣ бидуни дар назар гирифтани унсурҳои маънавӣ нопурра мемонад.

Салоҳуддини Салҷуқӣ дар баррасии ҳастӣ ба принсипҳои асосии сабабият ва мақсадмандӣ такя мекунад. Ба назари ӯ, ҷаҳони ҳастӣ як низоми танзимшуда ва ҳадафдор аст. Ҳар падида дар ин низом бо сабабҳои муайян ба вуҷуд меояд ва ба сӯи як ғояи камолӣ равона гардида, дар ниҳоят ба ҳикмати илоҳӣ пайванд дорад. Аз ин рӯ, ҳастӣ бе маъно ва тасодуфӣ нест, яъне он дорои тартиб, ҳадаф ва иродаи олист. Ин дидгоҳи Салҷуқиро дар силсилаи мутакаллимону фалсафаҳое қарор медиҳад, ки бо забони фалсафӣ ва маънавӣ аз мақсаднокии кулии олам ва таносуби байни иллат, ҳадаф ва камолоти вуҷуд дифоъ мекунанд.

Дар боби сеюм **«Ақидаҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва инсонпарваронаи Салоҳуддини Салҷуқӣ»** диссертант паҳлуҳои гуногуни ин масъалаҳоро дар осори Салоҳуддини Салҷуқӣ баррасӣ намуда, дар баробари дигари файласуфон зебоӣ ва ахлоқро ҳамчун унсурҳои муҳимми тарбияти инсонӣ мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки зебоӣ ва ахлоқ на танҳо рафтору гуфтори инсонро муайян, балки ба ташаккули хислатҳои ботинию зоҳирии ӯ низ таъсир мерасонад. Ба андешаи Салҷуқӣ агар инсон ба одамони бад ҳамнишин шавад, метавонад ахлоқи худро аз даст диҳад ва баръакс, ҳамнишинӣ бо одамони хуб метавонад ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ кунад. Салоҳуддин Салҷуқӣ пешниҳод менамояд, ки барои тарбияи ахлоқии дуруст, бояд инсонро ба донишҳои ахлоқӣ, таҷрибаҳои амалии хуб ва муҳити мусоиди ахлоқӣ таъмин кард. Вай таъкид мекунад, ки омӯзиши ахлоқ бояд дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт, аз кӯдакӣ то пирӣ, идома ёбад. Ва инчунин мақсади асосии ахлоқ аз назари Салҷуқӣ, расидан ба камолоти инсонӣ ва таҳкими муносибатҳои мусоиди иҷтимоӣ мебошад. Вай бар он андеша ҳаст, ки ахлоқи хуб метавонад ҷомеаро ба рушди маънавӣ ва иҷтимоӣ расонад. Афзалиятҳои зебогиро бошад, Салҷуқӣ дар дарки зебоӣ. Офаридани он ва баҳраманд гардидан аз он медонист. Зебогии ботинӣ инсонро зебу зиннат ва тароват медиҳад.

Мутафаккир инсонро дорои ҳуқуқҳои гуногун ва фарогир медонад, ки ҳамаи онҳо барои такмили маънавӣ ва зиндагии арзандаи инсон офарида шудаанд. Аз назари вай ин ҳуқуқҳо на танҳо ба молу мулк ва амвол маҳдуд мешаванд, балки ҳуқуқ ба таълим, омӯзиш, тарбия ва рушди шахсиятро низ дар бар мегиранд. Аз ин рӯ,

ҳуқуқҳои инсон танҳо ба ҷанбаҳои моддӣ вобаста набуда, балки барои камолоти руҳӣ ва расидан ба мақсадҳои ҳаётии инсон низ муҳим мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримова Сумая Рустамовна дар мавзуи «Таълимоти фалсафии Салоҳуддини Салҷуқӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти моли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии_ доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020102-таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбар илмӣ: Шамсов Муборакшо Саловудинович
номзади илмҳои фалсафа
“_14_” феврали соли 2025.

Суроға: Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри_Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Рӯдакӣ 33
Телефон (+992) 918849669
E-mail: Muboraksho_sh_70@mail.ru
Имзои Шамсов М.С.-ро тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадрҳои ИФС АМИТ Абдураҳмонзода Б.

Суроға: Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
кӯчаи Рӯдакӣ 33
Телефон (+99237) 2217796
E-mail: https://ifppanrt.tj
“_14_” феврали соли 2025